**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия**

**________________Насуриён П.А.**

**«____» ___________ соли 2025**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи: «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррароти асосии ибтидоӣ доранд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам шудаанд ва мазмун, хусусиятҳои муҳтавоӣ ва самти онро инъикос менамоянд. Принсипҳои мазкур заминаи бунёдии танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо буда, дар баробари ин ба ташаккули меъёрҳои соҳаҳои ҳамсояи ҳуқуқ низ таъсир мерасонанд. Зикр намудан зарур аст, ки принсипҳои ҳуқуқ, дар якҷоягӣ бо мавзуъ ва усулҳои танзими ҳуқуқӣ, дар институтсионализатсия ва муайянкунии ҳар як соҳаи ҳуқуқ нақши калидӣ мебозанд, зеро онҳо хусусиятҳои муҳтавоӣ ва мустақилияти методологии онро инъикос менамоянд. Аз ин лиҳоз, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад, ки онҳо аз санадҳои кодификатсионии қаблан мавҷудбуда фарқ мекунад. Муқаррар намудани принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун принсипҳои низомсозӣ ба танзими ҳуқуқӣ дар ин

самт асоси устувори консептуалӣ дода, ба татбиқи мақсадҳои қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат менамояд ва ҳамчун механизме хизмат мекунад, ки ҳамоҳангӣ, пайдарпайӣ ва самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро таъмин менамояд.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ асосҳои консептуалӣ ва меъёриро ифода мекунанд, ки татбиқи қонунгузории ҷиноятиро дар самти қонуният, адолат ва инсондӯстӣ таъмин намуда, инчунин самаранокии ҳуқуқӣ ва аҳаммияти иҷтимоии онро муайян мекунанд. Чунин принсипҳо хусусияти низомсозӣ дошта, раванди танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятиро муайян намуда, имконпазирии худсариро истисно менамоянд ва риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии шахсро дар самти ҳифзи ҳуқуқ таъмин мекунанд. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо муқарраароти конститутсионӣ-ҳуқуқие, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтаанд, пайвастагии амиқ дошта, заминаи меъёрию арзишии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлатро ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки дар амалияи ҳуқуқӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти махсус оид ба ин мавзуъ вуҷуд надорад ва дар маҷмуъ танҳо чанд нафар аз олимони ватанӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Зарурати омӯзиши ҳамаҷониба ва мунтазами илмии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба як қатор омилҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста аст. Якум, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ самтҳои калидӣ мебошанд, ки тамомияти дохилӣ, мухолифати мантиқӣ ва самти инсондӯстӣ (гуманистӣ)-и қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин мекунанд. Дуюм, мустаҳкамсозии меъёрӣ ва татбиқи амалии онҳо бевосита ба самаранокии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсир расонида, асосҳои қонуният ва адолатро дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ташаккул медиҳанд ва инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро дар шароити таъқиби ҷиноятӣ кафолат медиҳанд. Сеюм, дар шароити дигаргунии муносибатҳои ҷамъиятӣ, васеъ гардидани уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва зарурати мутобиқсозии қонунгузорӣ ба стандартҳои универсалии ҳуқуқӣ, омӯзиши принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз нигоҳи таъмини рушди устувори низоми ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии қонунгузории ҷиноятӣ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба институтҳои адлияи судии ҷиноятӣ аҳаммияти хоса дорад.

Вобаста ба ин, диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ муҳим ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия,

бешубҳа, арзиши илмӣ дошта, муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ бо дарназардошти вазъи имрӯзи рушди низоми қонунгузории ҷумҳурӣ, ҳақиқатнигорона, дар доираи манфиати давлати миллӣ ва рушди фаъолияти қонунгузории касбӣ баррасӣ намудааст. Ҷамъбаст, таҳлил ва дарки нави назариявии масъалаҳои проблемавии дар рисола баррасишуда арзиши назариявии тадқиқотро муайян мекунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявӣ ва амалии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур рабтдошта тавзеҳ дода шаванд ва дар такмили раванди қонунгузории касбӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин соҳа дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мавҷудбударо пур менамоянд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар доираи он андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва татбиқи амалиявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.** Нававарии илмиро интихоби мавзуъ, равиши таҳлили он бо дарназардошти баррасии масъалаҳои баҳсталаб муайян мекунад. Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии институти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо дарназардошти тамоюлҳои имрӯзаи дигаргунсозии қонунгузории миллӣ ва татбиқи стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Бори аввал дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун принсипҳои низомсозӣ, ки самт, мазмун ва самаранокии танзими ҳуқуқи ҷиноятиро муайян мекунанд, ҳамаҷониба таҳқиқ карда шаванд.

Бо истифода аз усулҳои сохторӣ-системаӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-мантиқӣ ва таҳлилӣ табиати ҳуқуқӣ, мазмун ва ҳадафи функсионалии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин нақши онҳо дар таъмини адолат, қонуният ва инсондӯстӣ дар низоми адолати судии ҷиноятӣ мавриди таҳлили амиқ қарор дода шудааст. Дар таҳқиқот ба таҳлили ҳамбастагии принсипҳои конститутсионӣ, байналмилалӣ ва соҳавӣ ва муқаррар намудани онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи татбиқи онҳо диққати махсус дода шудааст.

Бори аввал дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун унсури мустақили низомсози соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, пайвастагии дохилии он, устуворӣ ва мувофиқати онҳо ба талаботи адолат, қонуният ва инсондӯстӣ муайян карда шудааст. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф нуқтаи назари аслии таснифоти

принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро бо дарназардошти генезисӣ, муқаррароти меъёрӣ ва самти функсионалии онҳо таҳия кардааст.

Навгонии таҳқиқот, инчунин дар пешниҳоди таклифҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба низомсозӣ ва муттаҳидсозии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва уҳдадориҳое, ки аз санадҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон бармеоянд, ифода ёфтааст.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илмӣ манзур гардидаанд, башорат аз навгонӣ ва сатҳи амиқи таҳқиқот дарак медиҳанд, ки ҳамагӣ баҳри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, махсусан ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати санадҳои қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ назаррас мебошанд.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулосаҳои назариявии дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф ба даст омадаанд, аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисоларо ташкил медиҳанд, ки онҳоро метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии институти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ истифода бурд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар фаъолияти назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ яъне, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода кард. Маводи диссертатсия метавонад дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ барои таълими фанҳои ихтисосӣ барои донишҷӯёни риштаи ҳуқуқшиносӣ, инчунин дар гузаронидани семинарҳо, конференсияҳои илмӣ ва корҳои амалӣ истифода шавад.

Ҳамчунин, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодаёфта метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои қонунгузории миллӣ, алалхусус қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Асосан бояд қайд кард, ки эътимоднокии натиҷаҳои

таҳлили илмиии рисоланавис бо баррасии илман асоснок, маълумотҳо, шумораи маводи илмӣ ва мақолаҳои нашрнамуда исбот карда мешавад. Ҳамчунин, хулосаву пешниҳодҳо ба пажуҳиши илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд. Бо ин далел, таҳқиқоти диссертатсияи омодагардидаи муаллиф асоснок ва аз нигоҳи мантиқӣ дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Муҳаққиқ тавонистааст, ки маҷмӯи назарияҳоро вобаста ба мавзуи баррасишаванда баррасӣ карда, таҳқиқоти худро ҳамчун василаи ҳалли мушкилот дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ муаррифӣ намояд. Доир ба мавзуи рисолаи илмӣ сарчашмаҳои гуногунро истифода намудааст. Аз ҷониби дигар, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ бо истифодаи усулҳои муҳимтарини умумиилмӣ ва махсуси илмӣ тасдиқ карда мешавад.

Инчунин, эътимоднокӣ ва саҳеҳии аксари муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар рисола ифода ёфтаро васеғӣ ва гуногунҷанбагии сарчашмаҳои истифодагардида собит менамояд. Гузаронидани таҳлилҳои дуруст, истифодаи усулҳои асосӣ, маводҳои дуруст интихобшуда бо дарназардошти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллиф имкон медиҳад, ки вазифаҳои дар назди ӯ гузошташударо пурра иҷро кунад. Муҳаққиқ зимни таҳияи рисолаи диссертатсионӣ як қатор адабиёти ҳуқуқӣ ва дигар асарҳоро бо истинод ба нуқтаҳои назари доктринаи муосири ватанӣ таҳлил кардааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ манзур гардидааст. Бахусус, дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ» - бо маърӯза дар мавзуи «Принсипи адолат ва мавқеи он дар низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ» (25-26 апрели соли 2024, ш. Душанбе); конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ» - бо маърӯза дар мавзуи «Аҳаммияти илмӣ ва амалии таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (25-26 апрели соли 2024, ш. Душанбе); конференсияи илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли

«Маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ» - бо маърӯза дар мавзуи «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии принсипи адолат» (25 октябри соли 2024, ш. Душанбе); конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли «Маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ» - бо маърӯза дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқтатбиққунии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (25 октябри соли 2024, ш. Душанбе) ва ғайра.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он диссертант 8 мақолаҳои илмӣ , аз ҷумла, 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Аз ҷумла:

1. Шерализода С.М. Баъзе масъалаҳо оид ба татбиқи принсипи қонуният дар матни қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.М. Шерализода // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 2(50). – С. 175-183. ISSN 2410-2903.

2. Шерализода С.М. Мафҳум ва хусусиятҳои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / С.М. Шерализода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 1 (66). – С. 297-303. ISSN 2664-0651.

3. Шерализод С.М. Таърихи рушди илмӣ ва назариявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / С.М. Шерализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №6. Қисми I. – С. 257-263. ISSN 2413-5151

4. Шерализода С.М. Танзими ҳуқуқии принсипи ногузирии ҷавобгарӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.М. Шерализода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4 (54). – С. 282-289. ISSN 2410-2903

5. Сафарзода А.И., Шерализода С.М. Принсипи адолат ва мавқеи он дар низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / А.И. Сафарзода, С.М. Шерализода // Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (25-26 апрели соли 2024) – Душанбе, 2024. – С. 399-407.

6. Сафарзода А.И., Шерализода С.М. Аҳаммияти илмӣ ва амалии таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.М. Шерализода // Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (25-26 апрели соли 2024) – Душанбе, 2024. – С. 408-415.

7. Шерализода С.М. Таҳлили ҳуққӣ-ҷиноятии принсипи адолат [Матн] / С.М. Шерализода // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ

бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли “Маърифати ҳуқуқӣ” дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ”. – Душанбе, «ДБССТ», 2024. – С. 358-360.

8. Шерализода С.М. Масъалаҳои ҳуқуқтатбиққунии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.М. Шерализода // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли “Маърифати ҳуқуқӣ” дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ”. – Душанбе: «ДБССТ», 2024. – С. 399-403.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалӣ муайян карда шудаанд.

Нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва сохтори таркибии он маҷмуи саволҳоро дар бар мегирад, ки барои ҳалли масъалаи мавриди омӯзиш зарур мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки дар доираи се боб ва даҳ зербоб моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра муҳокима ва ошкор намояд.

**Сохтори рисолаи илмӣ.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 10 зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 243 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар боби якум - «Мафҳум, моҳият, таърих ва таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ», муаллиф ҷанбаҳои муҳими мафҳуму хусусият ва таснифоти присипҳоро амиқ таҳлил намудааст. Ба андешаи муаллиф боби мазкур заминаи методологиро барои таҳқиқоти минбаъда гузошта, имкон медиҳад, ки василаҳои назариявӣ ва самтҳои такмили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар асоси принсипҳои бунёдӣ муайян карда шаванд.

Муаллиф ба ин андеша аст, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 аввалин санади ҳуқуқӣ-ҷиноятии амалкунанда на танҳо калимаи «принсипҳо», балки низоми принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намуд. Ба ин система принсипҳои зайл мансуб дониста шудаанд: қонуният, баробарӣ дар назди қонун, ногузирии ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ, адолат, инсондустӣ ва демократизм (м. 3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар муқаррароти қонунгузории

ҷиноятӣ мафҳуми мушаххаси принсипҳои қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам нашудааст ва дар он намудҳои принсипҳо дар доираи моддаҳои 3-10 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Дар м. 3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври умумӣ номбар шудаанд. Онҳо дар моддаҳои минбаъдаи Кодекси ҷиноятӣ (м.м. 4-10) мушаххас мегарданд. Принсипҳои мазкур аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, муқаррароти ҳуқуқи фитрӣ ва арзишҳои умумибашарӣ, талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд. Вазифаҳое, ки дар назди қонуни ҷиноятӣ истодаанд, дар асоси принсипҳои номбаршуда амалӣ мегарданд, яъне, он ғояҳои аввалиндараҷае, ки дар асоси онҳо татбиқи қонуни ҷиноятӣ бояд сурат гирад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ принсипҳои ҳуқуқӣ асосан бо он идеяҳое, ки тасаввуротро дар бораи чӣ тарз будани ҳуқуқ инъикос мекунад, алоқаманд аст (саҳ. 48).

Дар боби дуюм масоили «Татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар матни Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди таҳлил қарор гирифта, дар доираи ҳафт зербоб ҳар як принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври алоҳида мавриди таҳлилу баррасӣ карор дода шудааст.

Муаллиф иброз медорад, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона санади меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ мебошад, ки моҳияти ҳуқуқӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятиро ба таври дақиқ ва ҳатмӣ муайян менамояд. Мувофиқи принсипи муайян будани қонуни ҷиноятӣ ва манъи қиёс, танҳо Кодекси ҷиноятӣ метавонад муайян созад, ки кадом кирдор ҳамчун ҷиноят эътироф карда мешавад, кадом кирдорҳо ҷазои ҷиноятӣ дар пай доранд ва кадом оқибатҳои дигари ҳуқуқи ҷиноятӣ ба миён меоянд. Ҳеҷ як қонун, санади дигар соҳаҳои ҳуқуқ, санадҳои зерқонунӣ ва ё амалҳои мақомоти давлатӣ, новобаста аз мақом ва ваколати онҳо, наметавонанд мустақилона ҷиноят будани кирдор ё сазовори ҷазо будани онро муайян намоянд. Ин низоми ҳуқуқӣ кафолати устувории принсипи қонуният ва муҳосираи соҳаҳои ҳуқуқ мебошад. Маҳз қонуни ҷиноятӣ аломатҳои таркибии ҷиноятро барои ҳар як кирдор; навъҳо ва андозаҳои ҷазоҳои ҷиноятӣ ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятиро, аз қабили доғи судӣ, татбиқи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявӣ ё тиббиро муайян мекунад. Ҳар гуна ташаббуси мақомоти давлатӣ, аз ҷумла суд, прокуратура, тафтишот ё дигар ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки берун аз доираи санадҳои қонуни ҷиноятӣ ҷиноят будани кирдорро эътироф менамоянд, мухолифи принсипи қонуният ва ба маънои ҳуқуқӣ хилофи Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар сурати пайдо шудани шаклҳои нави хавфноки ҷинояткорӣ, танҳо ба воситаи тартиби муқарраршудаи қонунгузорӣ, яъне тавассути қабули тағйиру иловаҳои дахлдор ба Кодекси

ҷиноятӣ, метавон масъалаи ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин гуна кирдорҳо ҳал намуд. Ҳамин тавр, танҳо мавҷудияти Кодекси ҷиноятӣ ва тағйироти расмии воридшуда ба он асос ва кафолати ягона ва мутобиқати ҳуқуқии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Ин равиш яке аз заминаҳои муҳими пешгӯишавандагии ҳуқуқ, эътимоди шаҳрвандон ба қонун ва таъмини адолати судӣ мебошад. (саҳ. 92-93)

Дар боби сеюм «Таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ» мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд мегардад, ки новобаста аз аҳаммияти асосии худ, татбиқи амалии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамеша бо як қатор мушкилоти системавӣ ва таъбирӣ (интерпретатсионӣ) рӯ ба рӯ мегардад. Яке аз масъалаҳои калидӣ номувофиқатии байни изҳоротҳои меъёрии қонун ва амалияи воқеии судӣ мебошад. Дар чунин ҳолат, принсипҳои абстрактӣ, ба монанди баробарӣ дар назди қонун ё мутаносибии ҷазо, зери таъсири манфиатҳои мақсаднок, фишори ҷомеа ё маҳдудиятҳои институтивӣ қарор гирифта метавонанд. Дар баъзе юрисдиксияҳо судҳо принсипҳоро ба таври интихобӣ тафсир намуда ё истифодаи онҳоро бо асосноккунии нокифоя иҷро мекунанд, ки ин боиси номуайянии ҳуқуқӣ ва коҳиши эътимоди ҷомеа мегардад. Илова бар ин, набудани тавзеҳоти муфассали қонунгузорӣ оид ба соҳаҳои татбиқ ва робитаи байни баъзе принсипҳо, сабаби истифодаи гуногунфаҳм ва номуқаррар мегардад, махсусан дар парвандаҳои мураккаб. Яке аз дигар мушкилоти ҷиддӣ - мунокишаи даврaӣ байни худи принсипҳо, масалан, байни қонуният ва адолат, мебошад, ки барои ҳалли он тавозуни нозуки судӣ зарур аст, аммо ин тавозун на ҳамеша ба таври возеҳ асоснок карда мешавад. Ин камбудиҳо зарурати роҳнамоиҳои мукаммали доктриналӣ, такмили таълими ҳуқуқӣ ва таъмини амалияи судии яксонро таъкид мекунанд, то принсипҳо на ба ҳайси арзишҳои эълоншуда, балки ҳамчун меъёрҳои воқеан амалкунандаи низоми адолати ҷиноятӣ иҷро шаванд. (саҳ. 210)

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати тахассусии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид ба ихтисоси илмиии дархостшаванда

12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант арзёбӣ мегарданд:

1. Дар нуқтаи рақами 1 ба ҳимоя пешниҳодшуда муаллиф менависад, ки “Принсипҳои демократӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ, ки муддати дароз дар қонунгузорӣ инъикос наёфта буданд, танҳо дар доираи доктрина омӯхта мешуданд ва аксар вақт табиати ғоявӣ пайдо мекарданд”. Дар инҷо муаллиф кадом принсипҳоро дар назар дорад, муайян нест. Шарҳи иловагии муаллиф ҳангоми ҳимоя талаб карда мешавад.

2. Дар саҳифаи 10 автореферат омадааст, ки “Ба матни Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун кафолати роҳ надодан ба вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзёбӣ мегардад”. Таҳлили ҳукмҳо ва дигар санадҳои судӣ шаҳодати онанд, ки дар онҳо бевосита татбиқ гардидани ин принсипҳо дида намешаванд. Оё чунин кафолат, ки муаллиф дар борааш сухан меронад, бо амалия ҳамоҳанг гардидаанд?

3. Дар боби сеюми рисола муаллиф чунин менависад “Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқ ва риояи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ нақши калидӣ мебозад. Ӯ ҳамчун мақоми олии судӣ ва кафили қонуният дар соҳаи адолати ҷиноятӣ амал мекунад”. Дар боби мазкур мақоми дигар сохторҳои адолати судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ба монанди мақомоти тафтишотӣ, прокуратура ва ғайра ба назар гирифта нашудааст. Шарҳи иловагии муаллиф талаб карда мешавад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи

зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинарии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №1 аз 05 августи соли 2025.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Сафарзода Ҳаёт Сайдамир – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.08), дотсент, профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 13 нафар иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти №1 аз 05 августи соли 2025.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Заробидинзода С.З.

**Ташхисгар:**
профессори кафедраи пешгирии терроризм
ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳ.С.

**Котиби ҷаласа:**
Котиби Шурои олимони Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи
факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, полковники милитсия А.А. Абдурашидзода

"Имзои С.З. Заробидинзода, Ҳ.С. Сафарзода ва котиби ҷаласа
А.А. Абдурашидзодаро тасдиқ менамоям"
Сардори ШК Академияи ВКД ҶТ,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.
"08" 08 соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru